ИНСТИТУТИ «ҶАМЪИЯТИ КУШОДА»
БУНЁДИ МАДАД - ТОҶИКИСТОН

**Шуъбаи ташкилоти байналмилалии Институти "Ҷамъияти Кушода"- Бунёди Мадад дар Тоҷикистон**

**озмуни кушод барои гирифтани бурс дар пешбурди ташаббусҳо барои гирифтани аккредитатсияи байналмилалии сифати таҳсилоти олии касбӣ равона шудаанд, эълон менамояд.**

Барои иштирок дар озмун муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон даъват карда мешаванд.

**Самтҳои афзалиятдор озмун инҳоанд:**

- Мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ, коргузорӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии донишгоҳ ба талаботи агентии аккредитатсияи байналмилалӣ, гузаштан ва гирифтани шаҳодатномаи сифати таълимии агентии мустақили аккредитатсияи байналмилалӣ. Дар доираи ин афзалият буҷаи дархостшуда на беш аз **200 000 сомониро** ташкил диҳад.

Барои иштирок дар озмун бояд дархости пуркарда ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ то **5 октябри соли 2020** дар платформаи онлайни www.osiaf.tj (бахши Грантҳо> Пешниҳоди дархостҳои грантӣ) пешниҳод карда шавад.

**Лоиҳаҳои дар доираи озмун қабулгардида аз рӯи меъёрҳои зерин арзёбӣ мешаванд:**

• ҳадафҳои возеҳ дар асоси афзалияти озмун, актуалӣ ва воқеияти амалигардии мақсадҳои гузошташуда;
• навгонии ғоя ва роҳҳои ҳалли он;
• доштани таҷриба ва нерӯ дар татбиқи лоиҳаҳои амсол, пешниҳод намудани натиҷаҳои лоиҳаҳои пешина, дар ҳолати будани он;
• мутобиқати буҷет ба чорабиниҳои банақшагирифташуда ва талаботи озмун;
• ҳамшарикӣ дар амалигардии лоиҳа пазируфта мешавад;
• сифат ва пурраггии лоиҳа.

Оид ба ҳамаи масоили вобаста ба озмун ба суроғаи ш.Душанбе, к. Бохтар 37/1, Маркази тиҷоратии "Вэфа", ошёнаи 4, тел: 275558, 372270716, 372270749 муроҷиат намоед.

Шахси масъул: Камолиддинов Манучехр - ҳамоҳангсози барномаи Таҳсилоти олӣ ва стипендияҳо, e-mail: manuchehr.kamoliddinov@osiaf.tj

Ҳуҷҷатҳое, ки ба шартҳои озмун ихтилоф доранд, мукаммал нестанд ё дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод нашудаанд, баррасӣ намешаванд. Маводи пешниҳодшуда баргардонида намешавад.